# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004
## дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

25 апрели соли 2020 ш. Душанбе

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 - и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Тағоев Маҳадмумин Раҳимовичро дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14-Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешкаш гардидааст, мавриди муҳокима қарор дода, тақриз ва баромади роҳбари илмӣ: - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шукуров Бурӣ Уроқович, тақризи мусбати муассисаи тақриздиҳанда: - Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақризҳои мусбат ва баромадҳои муқарризони расмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон **Султонов Зубайдулло Султонович**, - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон **Сафаров Бахром Гулматович** ва инчунин баромади муқарризони ғайрирасмӣ аз рӯи самти ихтисос д.и.и., профессор Ғаниев Т.Б., д.и.и. профессор Низомов С.Ф., н.и.и., дотсент Саидмуродова М.А., натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонии баргузоршуда ва хулосаи Шӯрои диссертатсиониро, ки ба диссертатсия бо дарназардошти мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, навгониҳои илмӣ, асоснок будани онҳо, аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия, инчунин аз рӯи натиҷаҳои корҳои чопшуда тахия карда шудааст, ба инобат гирифта,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешкаш гардидааст, ба меъёрҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои чопгардида дар сатҳи кофӣ ва зарурӣ, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд;

3. Ба Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Тағоев Маҳадмумин Раҳимовичро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Кӣ ҷонибдори қабул шудани қарори ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳиш мекунам, овоз диҳед.

Иҷозат диҳед, унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик намуда, ба аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, роҳбари илмӣ, муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ барои кори пурмаҳсулашон миннатдории бепоёни худро баён намоям.

Дар ҳамин ҷо, ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саидмуродова М.А.**

*25 апрели соли 2020*